“Тасдиқ мекунам”

Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ҷ. Б. ________

“ 18 ” ________ соли 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. – Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ)

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ – ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. – Назария ва технологияи таълими забониҳои хориҷӣ) пешниҳод гардидааст, мувофиқ мебошад. Муҳтаво ва равиши таҳқиқ низ ҷавобгӯйи талабот ва меъёрҳои муайяннамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Бояд зикр кард, ки таҳқиқ дар доираи шиносномаи ихтисоси мазкур тамоми унсурҳои зарурии назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла, методологияи таҳлил ва таҳқиқоти муқоисавиро фаро гирифтааст. Диссертант дар кори илмии худ ба баррасии васеи адабиёти назариявӣ ва таърихӣ пардохта, асосҳои назариявии мавзуъро ҳамаҷониба тавзеҳ додааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотии Қурбонзода Навбаҳор Қурбон яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами замони муосир буда, тарбияи маънавию ахлоқиро дар раванди таълим баррасӣ намуда, нақши дарсҳои забони англисиро дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, фарҳанги муошират ва арзишҳои инсонӣ нишон медиҳад.

Муаллиф дар диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро хеле муътақидона асоснок намуда, қайд менамояд, ки тарбияи шаҳрвандии

насли ҷавон беҳтар шуда, мафҳумҳои дӯст доштани зодгоҳ, сарзамин, Ватан ҳамгирой пайдо мекунад. Дар шароити рушди ҷомеаи муосир масъалаи тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати маориф ба ҳисоб меравад. Ҷавонон ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа бояд на танҳо донишҳои касбӣ, балки сифатҳои баланди маънавию ахлоқӣ, ҳисси масъулият, фарҳанги муошират ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумибашариро соҳиб бошанд. Аз ин рӯ, ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ дар раванди таълим, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аҳаммияти махсус дорад.

Дар ин замина, омӯзиши забони англисӣ на танҳо воситаи аз худ намудани донишҳои забонӣ, балки яке аз муҳитҳои муҳимми тарбиявӣ низ ба шумор меравад. Дар раванди дарсҳои забони англисӣ донишҷӯён бо фарҳанг, урфу одат, арзишҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии халқҳои гуногун шинос мешаванд, ки ин раванд ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба фарҳангҳои дигар ва рушди маънавии онҳо мусоидат мекунад.

Бо вуҷуди ин, масъалаи истифодаи имкониятҳои тарбиявии дарсҳои забони англисӣ барои ташаккули сифатҳои маънавию ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳанӯз ҳам таҳқиқ ва такмили минбаъдаро талаб менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиши асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни таълими забони англисӣ масъалаи мубрам ва муҳим ба ҳисоб меравад.

Маҳз ҳамин омилҳо мубрамияти мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ»-ро муайян менамояд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ» як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогикаи ватанӣ бахшида шудааст. Диссертатсия дар асоси омӯзиши таҳқиқотҳои олимону педагогҳои шинохтаи кишвар рӯйи кор омадааст.

Диссертант барои дар амал татбиқ намудани фарзияи таҳқиқот кӯшиши зиёд ба харҷ додааст. Пешниҳод мегардад, ки агар асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ ба таври мақсаднок ва пайваста истифода бурда шаванд, он гоҳ самаранокии раванди таълим, сатҳи маърифатнокӣ ва ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён боло меравад, агар:

тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён бояд бо истифода аз таҷрибаи бойи педагогӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои тафаккур ва сатҳи ҷаҳонбинии онҳо ба роҳ монда шавад;

– омӯзиши забони англисӣ бояд донишҷӯёнро бо фарҳанг, таърих ва дастовардҳои маънавию ахлоқии ҷаҳонӣ шинос гардонад;

– таъмини донишҷӯён бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводди зарурӣ барои омӯзиши забон ва рушди тарбияи ахлоқии онҳо бояд мунтазам ва систематикӣ сурат гирад;

– омӯзгори фанни забони англисӣ бояд ҳамчун шахсият ва омили таъсиррасон дар раванди тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён нақши асосӣ дошта бошад;

– машғулиятҳои амалӣ ва чорабиниҳои беруназдарсӣ бояд ба таҳкими шуури ахлоқӣ ва ташаккули сифатҳои маънавию ахлоқӣ дар донишҷӯён мусоидат намояд;

– ҳамкории ҳадафманд ва мунтазами омӯзгорон ва донишҷӯён бояд ба таври муассир ташкил гардида, рушди тарбиявӣ ва маърифатиро таъмин намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда дар** он зоҳир мегардад, ки бори аввал масъалаи асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ бо ҷалби доираи васеи адабиёт ва сарчашмаҳои муътамади илмӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасии илмӣ-педагогӣ қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот имкон доданд, ки як қатор хулосаҳои илмӣ ба даст оварда шуда, ҷанбаҳои нави масъала муайян гарданд. Навгониҳои асосии таҳқиқ дар нуктаҳои зерин ифода меёбанд, ки метавонанд ба рушди минбаъдаи илми педагогикаи миллӣ мусоидат намоянд:

– дар раванди таҳқиқ моҳият ва асосҳои илмӣ-педагогии тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳангоми омӯзиши забони англисӣ муайян ва таҳлил карда шуданд.

– натиҷаҳо нишон доданд, ки ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла эҳтиром ба оила, анъана ва расму ойин, ҳамчунин арзишҳои эстетикӣ, дарки зебоӣ, санъат ва фарҳанг барои ташаккули шахсияти мутахассиси оянда аҳаммияти муҳим доранд.

– муайян карда шуд, ки сатҳи таҳсилот бо рушди маънавӣ, ахлоқӣ ва касбии шахс робитаи мустақим дошта, таҳсилот ҳамчун омили муҳимми рушди шахсият хизмат мекунад.

– нақши шахсияти омӯзгор дар раванди тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён хеле муҳим буда, омӯзиши забони англисӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён ҷаҳонбинӣ ва дониши худро дар бораи ҷомеа, илм, техника ва падидаҳои гуногуни ҳаёти муосир васеъ гардонанд.

– муайян карда шуд, ки дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ омӯзиши забони англисӣ, дар баробари дигар фанҳои таълимӣ, барои рушди шуури илмӣ, ҷаҳонбинӣ ва сифатҳои ахлоқии донишҷӯён имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

–ҳамчунин, нишон дода шуд, ки норасоии китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва маводди методии муосир, инчунин таваҷҷуҳи нокифоя ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ метавонад ба паст шудани шавқу ҳаваси донишҷӯён нисбат ба омӯзиши забони англисӣ таъсир расонад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои дисертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии олимон ва муҳаққиқони соҳаҳои педагогика, методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, инчунин омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавриди истифода қарор гиранд. Аҳаммияти илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд барои такмили асосҳои назариявии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ мусоидат намоянд. Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои методӣ оид ба истифодаи имкониятҳои тарбиявии дарсҳои забони англисӣ барои ташаккули сифатҳои маънавию ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зоҳир мегардад. Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқ дар он аст, ки татбиқи натиҷаҳои он метавонад ба баланд гардидани сатҳи маънавию ахлоқии ҷавонон, ташаккули ҷаҳонбинии солим ва рушди шахсияти донишҷӯён мусоидат намояд.

Маводди пешниҳодгардида метавонад дар таҳияи монографияҳо ва асарҳои илмӣ оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ, инчунин, ҳангоми омода сохтани маводди таълимӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда,

интихоби дурусти равишҳои методологӣ ва усулҳои пажуҳиш аз ҷониби муаллиф имконият фароҳам овард, ки натиҷаҳои арзишманди илмӣ ба даст оварда шаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дурустӣ ва асоснокии хулосаҳо, инчунин истифодаи мақсадноки усулҳои таҳлил, аз ҷумла усулҳои эмпирикӣ, арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва ғайра, дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо ба миён омаданд, ташкил мекунанд.

Инчунин, барои ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот дар амал унсурҳои таҳлили мундариҷаи матн, усули баҳодиҳии ташхисӣ, усули банақшагирии самараноки озмоишҳо, пурсиш, мусоҳиба, суҳбат, мушоҳида, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ истифода шуданд.

Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда, инчунин, сатҳи баланди илмии онҳо гувоҳи онанд, ки муаллиф аз осори муҳими олимони шинохтаи соҳаи таърихи ватанӣ ва хориҷӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои илмии таҳқиқот, ки дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудаанд ва барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам оварда, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб аз муайян кардани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва масъалаҳои таҳқиқот ва матраҳ сохтани масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлилу баррасии иттилооти бадастовардашуда иборат мебошад. Таҳлили назариявию методологӣ, таҳқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи гузошташуда, коркарди пешниҳод ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро тартиб медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллифи диссертатсия маҳсуб меёбад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Баъзе фаслҳо ва бобҳои алоҳидаи таҳқиқоти мазкур дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии “Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф”, “Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон”, “Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ва дар маҷмуаи мақолаҳои конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр гардидаанд. Шумораи умумии ин мақолаҳо ба 13 адад мерасад, ки аз

ҷумла 6-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандае ба табъ расидаанд, ки дар рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи илмӣ аз муқаддима, 2 боб, 6 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** аҳаммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин аҳаммияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони **«Ҷанбаҳои назариявии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ»** буда, аз се фасл иборат мебошад. Дар ин боб масъалаҳои асосии фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ, таърихӣ ва назариявии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, моҳият ва мазмуни тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар раванди таълим, имкониятҳои тарбиявии дарсҳои забони англисӣ ва нақши онҳо дар ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баррасӣ гардидааст.

Дар боби мазкур муаллиф диққати махсусро ба омӯзиши тарбияи ахлоқӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми маънавиёт ва ҷаҳонбинии насли ҷавон равона намудааст. Дар ин замина, андешаҳои мутафаккирони давраҳои гуногун, аз замони қадим то асрҳои миёна ва замони муосир, таҳлил гардидаанд. Қайд карда мешавад, ки масъалаи тарбияи ахлоқӣ ҳам дар кишвари мо ва ҳам дар хориҷи кишвар ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқон қарор доштааст.

Диссертант таъкид менамояд, ки таҳлили адабиёти иҷтимоию фалсафӣ ва таҳқиқоти муосир нишон медиҳад, ки масъалаҳои вобаста ба ҳаёти маънавии ҷомеа, бахусус муносибати насли ҷавон ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ, ба таври васеъ омӯхта шуда, дар ин самт асарҳои зиёде ба табъ расидаанд.

Аз таҳлилҳои пешниҳодшуда бармеояд, ки ақидаҳои мутафаккирони давраҳои гуногун бо як андешаи умумӣ муттаҳид мегарданд: дарки табиати инсон бидуни дарки арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ ғайриимкон буда, рушди ҳамаҷонибаи шахсият пеш аз ҳама ба тарбияи маънавию ахлоқӣ вобаста аст.

Ҳамчунин, қайд мегардад, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳамчун воситаи пуриқтидори педагогӣ метавонад дар тарбияи маънавию ахлоқӣ, эстетикӣ ва касбии донишҷӯён нақши муҳим бозад. Аз ҷумла, омӯзиши забони англисӣ ба рушди тафаккури мантиқӣ, тақвияти хотира ва такмили фарҳанги маънавию ахлоқии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Дар боби аввал инчунин зикр шудааст, ки махсусан аз солҳои 2000-ум инҷониб дар соҳаҳои этика, педагогика ва психология вобаста ба масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ таҳқиқоти ҷиддӣ анҷом дода шудаанд. Қисме аз ин таҳқиқот ба ташаккули ахлоқии шахсият, идоракунии раванди тарбия дар коллективҳои меҳнатӣ ва тарбияи ахлоқии хонандагон бахшида шудаанд.

Дар хотима таъкид мегардад, ки ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ дар шуури донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, ба фаъолияти самараноки омӯзгор вобаста мебошад. Омӯзгор дар ҷараёни таълим тавассути истифодаи мақсадноки маводди таълимӣ ва шарҳи дурусти мафҳумҳои иҷтимоию фарҳангӣ метавонад дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои донишҷӯён нақши ҳалкунанда гузорад.

Илова бар ин, дар боби мазкур зарурати такмили минбаъдаи асосҳои назариявӣ ва ҷустуҷӯйи роҳу усулҳои нави самараноки тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён дар шароити муосири рушди ҷомеа таъкид карда мешавад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Мазмун ва технологияи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди дарсҳои забони англисӣ»** ба тарзи муфассал масъалаҳои амалӣ ва методии татбиқи тарбияи маънавӣ-ахлоқиро дар ҷараёни таълими забони англисӣ баррасӣ мекунад.

Дар боби мазкур, пеш аз ҳама, масъалаи ташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён дар раванди дарсҳои забони англисӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ба ин раванд на танҳо машғулиятҳои дарсӣ, балки истифодаи китобҳои дарсӣ ва ташкили машғулиятҳои амалӣ ҳамчун омилҳои муҳимми тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён дохил мешаванд. Ҳамзамон, самаранокии фаъолияти тарбиявӣ дар ҷараёни иҷрои корҳои мустақилона ва чорабиниҳои беруназдарсӣ вобаста ба омӯзиши забони англисӣ низ мавриди баррасии илмӣ қарор дода шудааст.

Илова бар ин, дар боб мазмун ва муҳтавои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ мушаххас гардида, муаллиф як қатор арзишҳои калидӣ, аз ҷумла

инсонгарой, эҳтиром ба гуногунфарҳангӣ, масъулиятшиносӣ, ростқавлӣ, ҳамкорӣ ва таҳаммулпазириро ҳамчун ҷузъҳои асосии ин раванд муайян намудааст. Нишон дода мешавад, ки ин арзишҳо метавонанд ба таври мақсаднок тавассути маводди таълимии забони англисӣ, аз қабили матнҳо, муколамаҳо ва машқҳои гуногун, дар шуури донишҷӯён ташаккул ёбанд.

Пеш аз оғоз намудани таҳлили масъалаи ташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён дар ҷараёни машғулиятҳои забони англисӣ зарур шумурда шуд, ки нахуст сатҳи фаҳмиш, дарк ва тасаввуроти донишҷӯён оид ба мафҳуми «тарбияи ахлоқӣ» мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор дода шавад.

Бо ин мақсад, усулҳои гуногуни таҳқиқотӣ, аз ҷумла пурсишнома, суҳбат ва мушоҳида истифода гардиданд, ки ба муайян намудани сатҳи донишу ҷаҳонбинии донишҷӯён мусоидат намуданд. Натиҷаҳои бадастомада имкон фароҳам оварданд, ки дараҷаи омодагии онҳо барои қабули арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва татбиқи онҳо дар рафтори ҳаррӯза муайян карда шавад. Ҳамчунин, ин марҳила заминаи муҳим барои интихоби усул ва шаклҳои самараноки минбаъдаи тарбиявӣ дар раванди таълими забони англисӣ гардид.

Ба ин мақсад, мо ба донишҷӯён ба саволи “тарбияи ахлоқиро чӣ гуна мефаҳмед?” муроҷиат намуда, ҷавобҳои гуногунро пешкаш намудем, то онҳо дар интихоби ҷавоб ба мушкили дучор нашаванд ва ҷавобҳое интихоб намоянд, ки мавқеъ ва муносибати онҳо ба ин падидаи маънавӣ муайян шавад.

Дар кори таҳқиқотии мазкур, инчунин, истифодаи маҷмуи махсуси вазифаҳо ва супоришҳои дорои самти забонӣ ва нутқӣ пешбинӣ гардидааст, ки бо дарназардошти принсипи тадриҷан мураккаб гардидани онҳо таҳия шудаанд. Машқҳои забонӣ, пеш аз ҳама, ба ғанӣ гардонидани захираи луғавии донишҷӯён ва азхудкунии сохторҳои асосии грамматикӣ, ки ба матнҳои таълимии интихобшуда хос мебошанд, равона карда шудаанд. Ҳамзамон, дар раванди таълим таваҷҷуҳи асосӣ ба таносуби фаъолияти машқии такрорӣ ва фаъолияти бошууронаи маърифатӣ равона гардидааст.

Дар боби мазкур таҳлили илмии китобҳои дарсӣ ва машғулиятҳои амалӣ ҳамчун омилҳои муҳимми тарбияи ахлоқӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки таъсири ин унсурҳоро ба ташаккули тафаккури ахлоқӣ ва рушди маънавии донишҷӯён ҳамаҷониба баррасӣ ва арзёбӣ намояд.

Диссертант таъкид менамояд, ки ҳар як машғулият оид ба омӯзиши забони хориҷӣ бояд хусусияти дуҷониба дошта бошад, яъне ҳамзамон вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявиро амалӣ намояд. Дар ин замина, дар китобҳои дарсии забони англисӣ барои муассисаҳои таҳсилоти касбӣ истифодаи матнҳои дорои мазмуни тарбиявӣ ҳамчун воситаи муҳимми ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ пешниҳод гардидааст. Ҳамчунин, масъалаи ташкили фаъолияти тарбиявӣ дар раванди корҳои мустақилона ва чорабиниҳои беруназдарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки фаъолияти тарбиявӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ мисли дигар самтҳои таълим ҷузъи ҷудонопазири раванди ягонаи таълиму тарбия мебошад.

Муаллиф дар ин қисмати таҳқиқот вазифаи муайян намудани роҳҳои самараноки ҳалли масъалаҳои зикршударо дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯзгорон ва санҷиши экспериментали баъзе ҷанбаҳои он пеш гузоштааст. Дар натиҷа, нишон дода мешавад, ки ташкили чорабиниҳои беруназдарсӣ бо иштироки донишҷӯён имкон медиҳад, ки вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ дар шакли амалии ҳамгиро амалӣ гардида, ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯён мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ташаккули сифатҳои маънавию ахлоқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ як раванди мураккаб ва бисёрҷанба мебошад, ки ба истифодаи мақсадноки усулҳои таълимӣ, маводди дарсӣ ва фаъолияти беруназдарсӣ вобастагии зич дорад. Таҳлилҳо собит месозанд, ки ҳамгироии самараноки ҷанбаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ дар машғулиятҳои забони хориҷӣ метавонад ба рушди ҷаҳонбинии ахлоқӣ, баланд бардоштани фарҳанги нутқ ва ташаккули арзишҳои умумиинсонӣ дар донишҷӯён мусоидат намояд.

Дар баробари ин, истифодаи супоришҳои дорои хусусияти коммуникативӣ, фаъолияти мустақилона ва чорабиниҳои беруназдарсӣ ҳамчун воситаҳои муҳимми педагогӣ имконият фароҳам меорад, ки донишҷӯён на танҳо донишҳои забонӣ аз худ намоянд, балки онҳоро дар рафтор ва муносибатҳои иҷтимоии худ низ татбиқ кунанд. Аз ин рӯ, такмили минбаъдаи усул ва шаклҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ дар раванди таълими забони англисӣ яке аз вазифаҳои муҳимми илми педагогика ба ҳисоб меравад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Диссертатсия ва автореферати он мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27- уми декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо мисолҳо, тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя гардидааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман, ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Автореферати диссертатсия фарогири мазмуни асосии диссертатсия буда, тибқи талаботи мавҷуда омода карда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Фаъолияти илмӣ ва омӯзгории муаллиф ба ихтисоси илмиаш мувофиқат менамояд. Мақолаҳои нашр намудаи ӯ ба ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. – Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) мувофиқ мебошад. Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, вобаста ба мавзуи диссертатсия маъруза хондааст. Бо назардошти гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки тахассуси илмии диссертант ба дараҷаи илмии дарёфтшаванда мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар таҳқиқи мавзуи илмӣ (дар саҳифаи 5-уми диссертатсия) оид ба таҳқиқоти муқарризони расмӣ дар атрофи масъалаи мазкур нишон дода нашудааст;

2. Дар кори диссертатсионӣ саҳми муҳаққиқони ватанӣ кам ба назар мерасад (дар саҳ. 6,7,8-и диссертатсия);

3. Масъалаи истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ, махсусан воситаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, дар раванди тарбияи маънавию ахлоқӣ ба таври маҳдуд баррасӣ гардидааст, дар ҳоле ки дар шароити муосир аҳамияти он рӯз аз рӯз меафзояд;

4. Дар қисмати таҷрибавӣ (эксперименталӣ) тавсифи баъзе марҳилаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада ба таври муфассал пешниҳод нашудааст (аз саҳ. 98 то 118). Барои равшантар нишон додани самаранокии усулҳои пешниҳодгардида, истифодаи маълумоти оморӣ ва ҷадвалҳо мувофиқи мақсад мебуд;

5. Ҳангоми баргузории маърузаи диссертант, яке аз эродҳои асосии аз ҷониби эксперти кафедра пешниҳодгардида ба он равона шуда буд, ки муҳаққиқоне, ки дар доираи мавзӯи таҳқиқотии мазкур фаъолияти илмӣ анҷом додаанд, бояд ҳатман дар матни диссертатсия бо тартиби мувофиқ ва бо истинодҳои зарурӣ инъикос гарданд.

Камбудиҳои зикргардида ба арзиши баланди илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсир намерасонанд ва онҳо характери тавсиявӣ дошта, дар оянда барои беҳтар гардидани сифати диссертатсия кумак мерасонанд.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти гузаронидаи диссертант арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши муаммо ва роҳҳои ҳалли он, вазифагузории он, аҳамияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонзода Н. Қ. дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ» кори таҳқиқотии нав, навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои дахлдори «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. – Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76 ,79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна мураттаб гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Қурбонзода Н. Қ. иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 10 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, бетараф – нест, муқобил – нест. Қарор дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 16.03.2026, №7 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои география,
мудири кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳӣ Қодиров Ш.С.

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳӣ Қаюмова Ҳ.Т.

**Котиби ҷаласа:** Нураҳмадзода Д.

Имзоҳои Қодиров Ш.С., Қаюмова Ҳ.Т. ва Д. Нураҳмадзодаро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Юсупова Б. Ғ.

**Нишонии муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6;
Тел: +992 (37) 2 32 50 00, 2 32 87 30, 2 32 50 05;
E-mail: ddzt.tj

18.03.2026